**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**______________Ғафурзода А.Д.**
**«__» __________ 2023 сол**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳури Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ таҳқикоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба тахкик гардида, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – ҳукук ба таҳсил дар Ҷумҳури Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ-хукукӣ бахшида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳукук ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Ҳуқуқ ба таҳсил дар давлатдории кишварҳои демократию ҳуқуқбунёд ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба таҳсил дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон масъалаи марказиро ташкил намуда, дар меъёрҳои

ҳуқуқӣ мавриди танзим ва ҳифз қарор дода шуда, то замони мо ба тариқи меросият омада расидаанд. Бояд тазаккур дод, ки аз як тараф давлати демократию ҳуқуқбунёд будани Тоҷикистон ва аз тарафи дигар уҳдадориҳои байналмилалии кишвар оид ба ҳуқуқ ба таҳсил тақозо менамоянд, ки масъалаи мазкур мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шавад. Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ бисёр мубрам ва рӯзмара ба ҳисоб меравад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба ҳуқуқ ба таҳсил мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) Нахустин самти илмие, ки муаллиф ба он ноил гардидааст, ин ошкор намудани паҳлуҳои норавшани ҳуқуқ ба таҳсил дар Тоҷикистони таърихӣ мебошад. Таҳқиқбаранда ҳуқуқ ба таҳсилро дар Тоҷикистони таърихӣ ба чор давраи асосӣ - зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ ҷудо намуда, махсусияти ҳар яке аз ин давраҳоро ба таври амиқ муайян намудааст. Аз ҷумла, муаллиф иброз менамояд, ки ҳуқуқ ба таҳсил, ки аз қадим ба мисли имрӯз муҳим дониста мешуданд, низоми ҳуқуқии зардуштӣ низ инро ташвиқ менамуд. Ба андешаи рисоланавис, низоми ҳуқуқи мусулмонӣ нисбат ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ин амалро яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як мусалмон меҳисобад. Ба андешаи диссертант, низоми ҳуқуқи шӯравӣ бо қонунгузорӣ, институтҳои соҳавӣ ва махсусиятҳои хоси худ дар ҳудуди Тоҷикистон то солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, ҳуқуқ ба таҳсилро бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ муқаррар ва ба роҳ мондааст. Низоми ҳуқуқи шӯравӣ ба инсон арзиши олӣ бахшида, ҳуқуқу озодиҳои ӯро на танҳо эътироф кард, балки риоя ва ҳифзи онро вазифаи асосии давлат, мақомоти давлатӣ ва ҳатто ҳар фард

ҳисобид. Диссертант қайд мекунад, ки ҳарчанд пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ҳанӯз ҳам таъсири меъёрҳои ҳуқуқи шӯравӣ дар қонунгузории кишвар баръало мушоҳида мешуд, вале бо ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ фарҳангу ҳуқуқи миллии тоҷикӣ таркиби ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ишғол менамуд. Соли 1994 Конститутсияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул карда шуда, дар партави он қонунгузории соҳавӣ, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуда, низоми ҳуқуқи миллӣ ташаккул меёбад.

б) Бахши дигари муваффақияти диссертант аз он иборат аст, ки фаҳмиш, моҳият ва аломатҳои асосии ҳуқуқ ба таҳсилро муайян ва пешниҳод намудааст. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ як қатор мафҳумҳое истифода мегарданд, ки дар баъзе мавридҳо истифодаи ин ё он ибора наметавонад фарогири мафҳуми истифодашаванда бошад, ё ин ки он дар мавқеъ ва макони худ истифода нагардидааст. Аз ҷумла мафҳумҳои таълим, дастрасӣ ба таҳсилот, баробарӣ ва монанди инҳо.

Ҳамзамон дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф оид ба мафҳум, хусусиятҳо ва унсурҳои зарари маънавӣ чунин нуктаи мусбат мавҷуд мебошад, ки дар муҳити илми ватанӣ метавон онро навгонии илмии назариявӣ маънидод намуд:

а) Пайдоиши асосҳои моҳиятии ҳуқуқ ба таҳсил дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар чор давра ба амал омад: 1) давраи фаҳмишу дарки худи мафҳум ва истилоҳи ҳуқуқ; 2) ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил ҳамчун ҳуқуқи табиӣ, ки барои қонеъ гардондани талаботи инфиродии шахс ва манфиатҳои давлат равона шудааст; 3) пазируфтани ғояи илмпарваронаи дини Ислом дар мавриди зарурати илмомӯзӣ ва касби дониш кардан ҳамчун воситаи муҳимми такмил додани ҳар як шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ; 4) таҳияи идеяи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳуқуқ ба таҳсил дар мафҳуму истилоҳоти муқарраршудаи фаҳмиши ҳуқуқӣ. (саҳ. 181).

б) Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин таҳлили асосҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мебошад. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки механизми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил зерсистемаҳои зеринро дар бар мегирад: механизми татбиқи ҳуқуқ ба таҳсил; механизми ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил; механизми ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил. Сохтори механизми таъмини ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил тавассути унсурҳои зерин ошкор карда мешавад: принсипҳои ҳуқуқ; меъёрҳои қонун; муносибатҳои ҳуқуқӣ (субъектҳо, объектҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ); далелҳои ҳуқуқӣ; фаъолияти ҳуқуқӣ; низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; огоҳии ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқ; марҳилаҳои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил; кафолатҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил.

в) Унвонҷӯ роҳҳои нави инкишофи ҳуқуқ ба таҳсилро вобаста ба вазъи шароити иқтисодии давлатӣ ва сохти идоракунӣ коркарди илмӣ намуда, дар пешниҳоди нуҳуми назариявии худ тавсия намудааст, ки барои таҳияи кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ дар заминаи таҷрибаҳои пешрафтаи кишварҳои демократӣ зарур аст: мустақилияти воқеии муассисаҳои таълимӣ; фаъолияти сохторҳои миллӣ ва мустақили арзёбии сифати таҳсилот; ҳаракати академии донишҷӯён ва омӯзгорон; таъмир, сохтмон ва навсозии муассисаҳои таълимӣ ва рушди заминаи моддию техникии онҳо; ҷорӣ намудани маблағгузории бисёрҷонибаи муассисаҳои таълимӣ; якпорчасозии маориф, илм ва истеҳсолот; аз ҷониби давлат, мақомоти маҳаллӣ, корфармоён татбиқи сиёсати фаъоли иҷтимоӣ, ки ба таъмини беҳтарини ичтимоии донишҷӯён нигаронида шудааст; шароитҳои мувофиқ барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил барои шахсони дорои эҳтиёҷоти махсуси таҳсилот; таҷассуми ғояи

арзиши инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил дар шуури ҷамъиятӣ. (саҳ.184)

Бояд тазаккур дод, ки нуқсонҳои ошкорнамудаи қонунгузории миллӣ аз тарафи унвонҷӯ оид ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил, пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократии имрӯзаи Тоҷикистон бисёр мубрам буда, онҳо метавонанд дар такмили конунгузории кишвар саҳми назаррас гузоранд.

г) Бояд тазаккур дод, ки муаллифи диссертатсия дар таҳқиқи дурнамо ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқ ба таҳсил низ ба муваффақият ноил гардидааст, ки натиҷаи таҳқиқоти он барои такмили қонунгузории кишвар аҳаммияти назаррас доранд. Муаллиф, васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва рушди қонунгузории соҳаи таҳсилотро тахлили илмӣ намуда, аз ин сабаб пешниҳод кардааст, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро якҷоя намуда, бо назардошти талаботҳои қонунгузорӣ як санади кодификатсионӣ – механизми ягонаи амалишавии ҳукук ба таҳсил дар шакли пурра ва оммафаҳм бо номи Кодекси таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад. Сабабаш дар он аст, ки Кодекси таҳсилот метвонад вазифаҳо ва хадафҳои ҳуқук ба таҳсилро ҳамчун арзиши иҷтимоӣ муайян намуда, хусусиятҳои асосии таҳсил – моҳият, ҳадаф, намуд ва зинаҳои таҳсилот, ҳудуди замониву маконӣ ва тартиби амалисозии ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд ва ташкили идоракунии маориф, намудҳо ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии соҳаи маориф, вазъи ҳуқуқии онҳо ва тартиби пешбурди фаъолияти таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилотӣ дуруст муқаррар ва танзим мекунад. (саҳ. 85).

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки таҳқиқбаранда масъалаҳои гузошташударо оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил мақсаднок таҳлил намуда, нуктаҳои муҳимми илмиеро пешниҳод намудааст, ки

барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳаммияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил бо назардошти низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Б.Ф. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти такмили қонунгузорӣ ва корҳои илмӣ тадқиқотӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил истифода карда мешаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолатҳои амалигардии он истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати рушд ва амалигардии ҳуқуқи инсон ба таҳсил аҳаммияти калон доранд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Б.Ф. манзургардида оид ба ҳуқуқ ба таҳсил ва пажӯҳиши таърихӣ-назариявӣ дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ,

таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ истифода бурда шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

1. Дар тавсияи якуми назариявии худ диссертант мафҳумҳои ҳуқуқ ба таҳсилро ба маънои субективӣ ва объективӣ манзур намудааст, ки онҳо то кунун на дар қонунгузорӣ ва на дар адабиётҳои ватанӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснокшуда ҷой надоштанд. Аз ҷумла, муаллиф мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсилро чунин пешниҳод кардааст: «ҳуқук ба таҳсил» ба маънои субъективӣ бояд ҳамчун имконияти ҳар як шахс маънидод карда шавад, ки дар Конститутсия ва қонунҳо ифода ёфта, ба инкишофи зеҳнӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ, фарҳангӣ, иҷтимоишавии бомуваффак ва расидан ба шароити сазовори иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ба маънои объективиаш бошад, ҳуқуқ ба таҳсил бояд ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие шинохта шавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи маориф танзим намуда, ҳадафҳо, мазмун, ҳудуди фазоиву замонӣ, тартиби амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсилотро муайян мекунанд, инчунин ташкили мудирияти раванди таҳсилот, намуд ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро, ки дар соҳаи маориф амал мекунанд, танзим менамояд, вазъи ҳуқуқии онҳо, тартиби амалӣ намудани фаъолияти таҳсилотро муқаррар месозад. Мафхуми мазкурро метавон дар адабиётҳои ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маданӣ мавриди истифода карор дод. Ҳамзамон, мафҳуми мазкурро метавон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28 декабри соли 2013, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз аз 22 апрели соли 2003, Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели соли 2012, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 164, 174), Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, “Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 29 майи соли 2017, № 7/35 ва Барномаи системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуд.

2. Дар тавсияи назариявӣ муаллиф ҳамзамон ташаккул ва инкишофи ғояҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба марҳилаҳо тасниф намудааст, ки чунин таснифоти асоснокшуда то кунун дар адабиётҳои ватанӣ ва қонунгузории миллӣ ба назар намерасид. Диссертант ташаккул ва инкишофи ғояҳои ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро чунин тасниф намудааст:

1) пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар таълимоти илмии исломии асрҳои IX-XIX; 2) Тасдиқи идеяи ҳуқуқ ба таҳсил дар назарияҳои маорифпарваронаи фаҳмиши ҳуқуқии ибтидои асри XX; 3) ташаккули ғояи ҳуқуқ ба таҳсил дар замони шуравӣ (солҳои 20-уми асри XX – то соли 1991); 4) ташаккул ва инкишофи равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳуқуқ ба таҳсил (аз соли 1991).

Диссертант муайян намудааст, ки таҳаввули мафҳуми ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо парадигмаи Аврупои

Ғарбии ин ҳуқуқ, ки тавассути низоми шуравӣ ворид шудааст, дорои хусусиятҳои муайян аст: пайдоиши идеяи ҳуқуқ ба таҳсил тавассути шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ дар афкори ҳуқуқии тоҷикон дар давраи баъдӣ ба амал омад; асосҳои динии ҳуқуқ ба таҳсил дар назарияи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз устувор боқӣ мондаанд; мафхуми хукук ба таҳсил дар натиҷаи харакатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо асосҳои демократӣ-миллӣ ғанӣ гардид. Дар замони шуравӣ хукук ба таҳсил дар заминаи интиқод аз таълимоти илмии ғарбӣ ва демократӣ-миллатгароӣ аз ҷониби давлат рӯйи кор омода буд. Аз соли 1991 инҷониб эҳёи равишҳои гуногунандешии назариявӣ ва методологӣ барои фаҳмидани ҳуқуқ ба таҳсил ба амал омадааст.

2). Муаллифи диссертатсия дар тавсияи амалии сеюм қайд намудааст, ки барои боз ҳам дар сатҳи балан таъмин намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил, баъзе маҳдудиятҳо, ки дар қонун ҷой надорад, вале онро низомномаи корхонаю муассисаҳо муқаррар кардааст, бояд аз байн бурд ва ё ин ки ба қонун мутобиқат кард. Мувофиқи муқаррароти банди 3-юми Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2018, №12/28 “Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бармеояд, барои дохил шудани шаҳрвандон ба магистратура ва таҳсил намудани онҳо маҳдудияти синнусолӣ ҷорӣ карда шудааст. Банди сеюми ин қарор эълом мекунад, ки «ба зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ мувофиқи шартномаву созишномаҳои байнидавлатӣ ва шахсони бетабааи муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зинаҳои бакалавр ва ё мутахассисро хатм намудаанд, қабул карда мешаванд. Қабули довталабон дар зинаи магистратура то сини 35-сола ба амал бароварда мешавад». Ин дар ҳолест, ки Қонуни ҶТ дар бораи маориф, дар пайравӣ

аз муқарраротн моддаи 41-уми Конститутсияи ҶТ дар моддаи 4 “баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат” ва ҳамчунин “дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун”-ро кафолат медиҳад. Ҳамин тавр, вуҷуд надоштани табақабандии қонунгузориҳо дар соҳаи маориф, ки мо дар боло ишора кардем, сабаби номувофиқатӣ ва мухолифатҳои ҳуқуқӣ гаштааст. Бо назардошти ин ки маҳдудияти синнусолӣ дар робита ба таҳсил дар зинаи магистратура асоси ҳуқуқӣ, педагогӣ ва илмӣ надорад, пешниҳод мегардад, ки ин маҳдудият аз қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта шавад.

3). Муаллиф дар тавсияи амалии шашум пешниҳод намудааст, ки дар Тоҷикистон мақоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода шавад, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ, тартиби ба даст овардан ва қатъ намудани ваколат, кафолатҳои фаъолияти ин мақом (таҷрибаи Ҷумҳурии Австрия, Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Федератсияи Русия ва дигар давлатҳо) муайян ва муқаррар карда шаванд. Диссертант муайян намудааст, ки Вазифаи Ваколатдор оид оид ба ҳуқуқ ба таҳсил бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода шуда, иҷрои вазифаҳои асосии ӯ мусоидат намудан ба:

– риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии хонандагон, донишҷӯён омӯзгорон ва волидон дар раванди дастрасӣ ба таҳсил;

– барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи иштирокчиёни раванди таҳсил;

– такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил;

– баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил;

– пешгирии вайрон кардани ҳуқуқҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди таҳсил мебошад.

Самти афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ бояд муқаррар карда шавад.

4). Диссертант дар мазмуни кор муайян намудааст, ки дар замони муосир таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил мебошад, ки заминаҳои қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқии он ҳанӯз ба шакли комил ва мутобиқ ба шароити муосир дар Тоҷикистон анҷом нагирифтааст. Мувофиқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» «таҳсилоти фосилавӣ – ин тарзи амалисозии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекомуникатсионӣ мебошад, ки таълимро дар масофа, бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад». Бо вуҷуди ин ки аллакай дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ин намуди таҳсил ҷорӣ карда шуда, бомуваффақият амал мекунад, вале ҳанӯз ҳам ба ғайр аз Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқии дигаре ҷой надорад, ки тартиби амалисозӣ, принсип ва усулҳои танзими раванди таҳсили фосилавиро ба танзим дарорад. Аз ин рӯ, муаллиф дар тавсияи амалии ҳафтум пешниҳод намудааст, ки бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ муайян карда шуда, тартиби амалисозии он муқаррар гардад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравaнд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончи:

1. Муаллифи рисола кайд менамояд, ки ки талаботи банди 3, қисми 2-юми моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ба амалигардии хуқуқи инсон ба таҳсил таъсири манфӣ расонида, баъзе нофаҳмиҳоро ба вуҷуд оварданаш мумкин аст (саҳ. 180). Дар ин маврид аз муаллиф пурсида мешавад, ки меъёри мазкур чӣ гуна ба амалигардии ҳуқуқи инсон ба таҳсил таъсири манфӣ расонида, бартараф намудани чунин ҳолат барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ чӣ гуна манфиат дошта метавонад?

2. Муаллиф дар рисола қайд намудааст, ки ба моддаи 41-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зерин: «Тарбияи томактабии кӯдакони синни томактабӣ ҳатмӣ аст» илова дохил карда шавад. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки андешаи худро дар ин хусус ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия манзур намояд (саҳ. 76).

3. Муаллиф дар рисола қайд намудааст, ки ба муассисаҳои ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ ва марказҳои омӯзишӣ-омодасозии хусусӣ, ки ба муштариёни худ мувофики ихтисосҳои интихобнамудаашон машғулиятхо барои дохил шудани шаҳрвандон ба муассисаҳои олӣ мегузаронанд, сабукиҳо татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки андешаи худро дар ин хусус ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия манзур намояд (саҳ. 175).

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии тахкикот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Файзализода Б.Ф. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Файзализода Бахтиёр Файзалӣ ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №8 аз 28 марти соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Расулов Ф.М. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №8 аз 28 марти соли 2023.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.М. Холинова

**Котиби ҷаласа:**
Мутахассис-коргузори кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон С.С. Бозорова

4.05.2023

Имзои Холинова М.М. ва Бозорова С.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Б. Ҳамидов